# ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 августи соли 2015 №21/3 ш. Душанбе**

Дар бораи тасдиқи «Низомномаи аттестатсияи хатм»

Ҳайати мушоварам Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Низомномаи аттестатсияи хатм» -ро муҳокима намуда,

қарор мекунад:

1.Низомномаи аттестатсияи хатм» тасдиқ карда шавад (низомнома замима мегардад).

2.Ба ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки тартиби гузаронидани аттестатсияи хатмро тибқи талаботи Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи Низомномаро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зери назорат гирад.

4.Низомномаи аттестатсияи давлатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушоварам Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2007, №2/6 қабул шудааст, беэътибор дониста шавад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир Б. Одинаев гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи мушовара,
муовини вазир Б. Одинаев

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29. 08.соли 2015
№21/3 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ

Низомномаи аттестатсияи хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Марҳилаи хотимавии таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аттестатсияи хатм мебошад.

2. Аттестатсияи хатм имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи корҳои хатмкунии тахассусӣ – рисолаҳои дипломии хатмкунандагони зинаҳои бакалавр ва магистри муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Тибқи талаботи нақшаи таълимӣ вобаста ба зинаи таҳсилот ва ихтисосҳо хатмкунандагон рисолаи хатм ва як ё ду имтиҳони давлатӣ месупоранд.

3. Аттестатсияи хатм баъди иҷрои Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва азхуд намудани нақша ва барномаҳои таълимие, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, дар соли ниҳоии таҳсили донишҷӯ гузаронида мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ

4. Аттестатсияи хатм аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад.

5. Барои баргузор намудани аттестатсияи хатм аз ихтисосҳои алоҳида вобаста ба шумораи хатмкунандагони зинаҳои бакалавр, магистр, шуъбаҳои ғоибона ва фосилавӣ, инчунин таҳсилоти дуюми олӣ як ва ё якчанд комиссияи аттестатсионӣ ташкил карда мешавад.

6. Аттестатсияи хатм аз фанҳое, ки дар нақшаи таълимии намунавии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян шудаанд, гузаронида мешавад.

Саволномаҳои аттестатсияи хатм дар доираи барномаи таълимӣ аз тарафи кафедра тартиб дода шуда, садорати факултет онҳоро тасдиқ мекунад.

Рисолаҳои дипломӣ бевосита аз фанҳои тахассусии ихтисоси хатмкунанда иҷро карда шуда, мавзӯи рисолаҳо бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешаванд.

7. Ҷадвали баргузории комиссияи аттестатсионӣ ду ҳафта қабл аз оғози аттестатсияи хатм бо пешниҳоди декани факултет аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиш тасдиқ карда мешавад.

## 3. КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ

8. Комиссияи аттестатсионии хатм аз раис, аъзои комиссия (на камтар аз 3 нафар) ва котиб иборат мебошад.

9. Раисони комиссияҳои аттестатсионӣ ҳамасола бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи номзадҳои илм, доктрони илм, академикҳо, мутахассисони вазорату идораҳо ва муассисаҳои соҳавӣ, таъйин карда мешаванд.

Номзадии раисони комиссияи аттестатсионӣ аз захираи кадрии мутахассисони соҳа, ки дар раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ бо пешниҳоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷамъ оварда шудааст, пешниҳод карда мешаванд.

10. Фармоиш дар бораи тасдиқи раисони комиссияҳои аттестатсионӣ на камтар аз ду моҳ қабл аз оғози кори комиссия ба тасвиб мерасад. Раисони комиссияҳои аттестатсионии хатм танҳо ду сол пайи ҳам метавонанд ба ҳайси раис фаъолият намоянд. Дар сурати зарурат онҳо метавонанд баъди 2 сол боз ба ҳайси раиси комиссия таъйин шаванд.

11. Аъзои комиссияҳои аттестатсионии хатм ва котибони он аз ҳисоби мутахассисони соҳа, муаллими калон, номзадҳои илм, докторони илм, ки дар ҳамин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё дигар муассисаҳо кору фаъолият мекунанд, бо фармоиши ректор таъйин карда мешаванд.

12. Фармоиш дар бораи тасдиқи аъзои комиссияҳои аттестатсионии хатм ва котибони он на камтар аз як моҳ то оғози кори комиссия бояд ба тасвиб расад.

13. Намояндаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (декани факултет ё яке аз муовинони декани факултет) дар аттестатсияи хатм фаъолона иштирок мекунад, аммо аъзои комиссияи аттестатсионии хатм шуда наметавонад.

Назорати умумии раванди аттестатсияи хатм ба уҳдаи муовини ректор оид ба таълим ва раёсати таълим вогузор карда мешавад.

14. Комиссияҳои аттестатсионии хатм дар муҳлатҳое, ки дар нақшаи таълимии намунавии аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян шудааст, фаъолият мекунанд.

15. Кори комиссияҳои аттестатсионӣ дар зинаи бакалавр дар як рӯз набояд аз 6 соат ва шумораи хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, набояд аз 12 нафар зиёд бошанд. Дар ҳолати зиёд будани миқдори донишҷӯён ба таври истисно то 16 нафар иҷозат дода мешавад (барои ихтисосҳои эҷодӣ ва санъат вобаста ба шумораи иштирокчиёни намоишномаҳо ва корҳои эҷодии хатмкунӣ).

Дар зинаи магистратура бошад, шумораи хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, дар як рӯз набояд аз 8 нафар зиёд бошад.

16. Вазифаҳои раиси комиссияи аттестатсионии хатм аз инҳо иборатанд:

– шиносоӣ бо талаботи низомномаи мазкур;

– баҳогузорӣ ва ҷамъбасти баҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ ба омодагии назариявӣ ва амалӣ, малака ва маҳорати касбии хатмкунандагон;

– ба хатмкунандагон додани дараҷаи тахассус ва дипломи намунаи давлатӣ мувофиқ ба донишандузӣ ва қобилияти касбии онҳо;

– тавсия намудани хатмкунандагон ба зинаи магистратура ва докторантура аз рӯи ихтисос (PhD);

– омода намудани ҳисобот оид ба фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ ва пешниҳоди камбудию норасоиҳо ва роҳҳои бартараф намудани онҳо;

– пешниҳоди ҳисобот барои муҳокима ва тасдиқ ба Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ.

## 4. РАВАНДИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ

17. Дар рафти аттестатсияи хатм имтиҳони давлатӣ метавонад ба тариқи анъанавӣ ё тестӣ гузаронида шавад ва хатмкунандагон рисолаҳои дипломии худро ҳимоя намоянд.

Донишҷӯён метавонанд бо истифода аз технологияи муосир рисолаҳои дипломии худро дар намуди муаррифӣ (презентатсия) пешниҳод намоянд.

18. Ба аттестатсияи хатм донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки талаботи нақша ва барномаҳои таълимиро пурра иҷро намудаанд. Рӯйхати чунин хатмкунандагон аз тарафи декани факултет омода шуда, ду ҳафта пеш аз оғози аттестатсияи хатм бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

19. Ба комиссияи аттестатсионии хатм аз тарафи декани факултет ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд: маълумотномаи академии хатмкунанда ё транскрипт; дафтарчаи имтиҳонотӣ ва инчунин аз тарафи мудири кафедра тақризи роҳбари рисолаи дипломӣ; тақризи муқарризони рисолаи дипломӣ.

20. Муқарризони рисолаҳои дипломӣ аз тарафи декани факултет бо пешниҳоди мудирони кафедраҳо таъйин карда мешаванд.

21. Комиссияи аттестатсияи хатм ҳатман бо иштироки ҳамаи аъзоён гузаронида мешавад.

22. Вақти қабули аттестатсияи хатми як хатмкунандаи зинаи бакалавр барои супоридани имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаи дипломӣ то 30 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Ба хатмкунанда барои баёни мундариҷаи рисолаи дипломӣ то 15 дақиқа вақт дода мешавад.

Дар зинаи магистратура бошад, барои қабули атттестатсияи хатм аз як хатмкунанда то 45 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

23. Натиҷаи аттестатсияи хатм дар рӯзи баргузории аттестатсия баъди пур кардани протоколи комиссия аз тарафи раиси комиссия эълон карда мешавад.

Дар ҳолати норозӣ будан аз баҳои гузошташудаи комиссия хатмкунанда метавонад ба таври шифоҳӣ ба раиси комиссия муроҷиат намояд. Дар рӯзи баргузории аттестатсияи хатм раиси комиссия ҳуқуқ дорад бо хатмкунанда тариқи суҳбат саволу ҷавоб кунад. Баъди ҷавобҳои дурусту саҳеҳ баҳои гузошташуда метавонад иваз карда мешавад.

24. Натиҷаи аттестатсияи хатм дар шакли анъанавии таҳсил бо баҳоҳои «аъло», «хуб», «қаноатбахш» ва «ғайриқаноатбахш» ифода меёбад. Ба хатмкунандагоне, ки на камтар аз 75% имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои «аъло» ва боқимондаро бо баҳои «хуб» супорида, рисолаи дипломӣ ва имтиҳони давлатиро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст менамоянд, «дипломи аъло» дода мешавад.

Ба хатмкунандагоне, ки баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, ба ҷойи диплом маълумотнома дар бораи таҳсил ва академӣ дода мешавад.

Дар мавриди пур кардани замимаи диплом, агар хатмкунанда аз як фан якчанд баҳо дошта бошад, баҳои имтиҳони охирини ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми таҳсил аз рӯи низоми кредитӣ баҳогузорӣ бо ифодаҳои дар ҷадвали 1 оварда шуда қабул карда мешавад.

Ҷадвали 1.

<table>
<tr><th>Ифодаи ҳуруфии баҳо</th><th>Ифодаи ададии баҳо</th><th>Фоизи ҷавобҳои дуруст %</th><th>Ифодаи анъанавии баҳо</th></tr>
<tr><td>A</td><td>4,0</td><td>$95 \le A \le 100$</td><td rowspan="2">Аъло</td></tr>
<tr><td>A-</td><td>3,67</td><td>$90 \le A- < 95$</td></tr>
<tr><td>B+</td><td>3,33</td><td>$85 \le B+ < 90$</td><td rowspan="2">Хуб</td></tr>
<tr><td>B</td><td>3,0</td><td>$80 \le B < 85$</td></tr>
</table>

Холи умумии миёна (GPA)-и хурдтарин баҳои «аъло» 3,67 ва баҳои «хуб» бошад, ба 3,0 баробар аст.

Ҷамъи холҳои умумии миёна (GPA) барои 75% баҳоҳои минималии «аъло» 75*3,67=275,25 ва барои баҳоҳои минималии «хуб» ба 25*3,0=75 баробар аст. Пас, холи умумии миёна (GPA)-и минималӣ барои гирифтани «дипломи аъло» дар зинаи бакалавр ба (275,25+75)/100=3,50 хол баробар аст.

Дар ин ҳолат хатмкунандаи зинаи бакалавр, ки миқдори баҳоҳои «аъло» на кам аз 75%, миқдори баҳоҳои «хуб» на зиёда аз 25%, инчунин имтиҳони давлатӣ ва кори хатмро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст намуда, холи умумии миёна (GPA) на кам аз 3,50 дошта ягон баҳои «қаноатбахш» нагирифтааст, соҳиби дипломи аъло шуда метавонад.

Ба хатмкунандаи зинаи бакалавр, ки дар давоми таҳсил имтиҳонро такроран супоридааст ё баҳояшро иваз намудааст, дар сурати мувофиқат намудани холҳои умумии миёна (GPA) «дипломи аъло» дода намешавад.

Дар низоми кредитии таҳсилот баҳогузории рейтингӣ дар асоси ифодаи ададии баҳоҳои аз фанҳои дар транскрипт воридшуда ва натиҷаи аттестатсияи хатм баҳои умумии ҷамъбастии хатмкунанда (GPA) ҳисоб карда мешавад.

Барои хатмкунандаи зинаи магистр дар ҳолате «дипломи аъло» дода мешавад, ки баъди зинаи бакалавр соҳиби «дипломи аъло» буда, миқдори баҳоҳои «аъло» на кам аз 75%, миқдори баҳоҳои «хуб» на зиёда аз 25% дорад, инчунин имтиҳони давлатӣ ва кори хатмро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст намуда, холи умумии миёна (GPA) на кам аз 3,50 дорад ва ягон баҳои «қаноатбахш» нагирифтааст.

25. Хатмкунандагоне, ки дар яке аз имтиҳонҳои давлатӣ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, ҳуқуқи аз фанҳои дигар супоридани имтиҳони давлатӣ ё ҳимояи рисолаҳои дипломии хатмкунии тахассусиро аз даст намедиҳанд. Дар сурати ғайриқаноатбахш баҳогузори кардани рисолаи дипломӣ комиссияи аттестатсионии хатм барои хориҷ намудани хатмкунанда аз муассисаи таълимӣ бе нигоҳдошти номи мавзуъ ва роҳбари рисолаи дипломӣ ба раёсат пешниҳод менамояд.

Дар ҳолати бе сабаб ҳозир нашудани хатмкунанда ба имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаи дипломӣ, бо пешниҳоди комиссияи аттестатсионии хатм бе нигоҳдошти номи мавзуъ ва роҳбари рисолаи дипломӣ бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад.

Дар ҳолати бо сабаб ҳозир нашудани хатмкунанда ба имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаи дипломӣ, дар мавриди пешниҳоди маълумотномаи тиббӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ бо нигоҳдошти номи мавзуъ ва роҳбари рисолаи дипломӣ танҳо ба соли дигар гузаронида мешавад.

26. Хатмкунандагоне, ки рисолаи дипломиашонро дифоъ накардаанд ва ё аз имтиҳони давлатӣ нагузаштаанд, дар муддати то панҷ соли баъди хатм ба аттестатсияи хатм роҳ дода мешаванд. Баъди гузаштани мӯҳлати панҷ сол хатмкунандагон бо иҷозати мақомоти ваколатдор дар соҳаи маориф ба курси мувофиқ барқарор карда мешаванд.

27. Ба хатмкунандагон дар ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ бо таври кушода мувофиқи овозҳои аъзои комиссия баҳо гузошта мешавад. Дар сурати баробар будани овозҳо, овози раиси комиссияи аттестатсионӣ ҳалкунанда ҳисобида мешавад.

28. Ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм гузаштаанд, дар асоси қарорҳои комиссияи аттестатсионӣ бо фармоиши ректор дараҷаи тахассус, диплом ва нишони сарисинагӣ дода мешавад.

29. Барои ҳар як ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ протоколҳое, ки шакли онҳо аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, тартиб дода шуда, дар онҳо раис ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ имзо мегузоранд. (замимаи 1)

30. Баъди ба анҷом расидани кори комиссияи аттестатсияи хатм раисони комиссия ҳисобот оид ба фаъолияташонро таҳия менамоянд. Дар ҳисоботи таҳияшудаи раиси комиссия бояд масъалаҳои зерин инъикос ёбанд:

- омодагии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет ва кафедраҳо барои гузаронидани аттестатсияи хатм;
- тавсифи мундариҷа ва шакли саволномаҳо, билетҳо ва мувофиқати онҳо бо барномаи таълимӣ;
- таҳлили савияи илмӣ ва назариявию амалии хатмкунандагон аз рӯи ихтисос ва мувофиқати онҳо ба вазифаҳое, ки аз сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бармеоянд;
- тавсифи мавзӯи рисолаҳои дипломӣ, сифати амалан ба анҷом расонидан ва хусусияти назариявӣ-амалии онҳо;
- таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати дониши хатмкунандагон;
- пешниҳоди хатмкунандагон барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура;
- тавсияи магистрантон барои идомаи таҳсил дар зинаи докторантура аз рӯи ихтисосм (PhD);
- дар заминаи камбудию норасоиҳои бавуҷудомада хулоса ва пешниҳод барои беҳтар шудани аттестатсияи хатм.

31. Ба ҳисобот ҷадвалҳои зерин бояд замима гарданд:

1) Натиҷаи имтиҳони давлатӣ аз фанни ______________________________

Ҷадвали 2

| Рамз ва номи ихтисос | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи хатмкунандагон, нафар | | | | |
| Шумораи иштирок надоштагиҳо | | | | |
| Ифодаи ҳуруфии баҳо | Ифодаи ададии баҳо | Фоизи ҷавобҳои дуруст % | Ифодаи анъанавии баҳо | |
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | Аъло | |
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | Хуб | |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | Қаноатбахш | |
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | | |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | Ғайриқаноатбахш | |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | | |

2) Натиҷаи ҳимояи рисолаҳои дипломӣ:

Ҷадвали 3

| № р/т | Рамз ва ихтисос | Шумораи хатмкунандагон | | | Шумораи хатмкунандагони иштирок надошта | | | Шумораи тавсия шудагон ба зинаи | | Шумораи тавсия шудагон | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Бакалавр | Мутахассис | Магистр | Бакалавр | Мутахассис | Магистр | Магистратура | Доктор PhD | Дипломи аъло | Дипломи муқаррарӣ |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |

Ҳисоботи раиси комиссияи аттестатсионии хатм дар муддати як ҳафта омода шуда, ба ҷаласаи кафедра, шӯроҳои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои муҳокима ва тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

Маълумотномаи таҳлилии фаъолияти комиссияҳои аттестатсионии хатм дар муддати ду ҳафта ба таври хаттӣ ва электронӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Замимаи 1**

***ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***

# ПРОТОКОЛИ № ____

Ҷаласаи комиссияи аттестатсионии хатм

аз «___» __________ соли 20___

Оид ба ҳимояи рисолаи дипломии хатмкунанда ________________________

(ному насаб)

______________________________________________________________________

(ихтисос)

Дар мавзӯи __________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

## ИШТИРОК НАМУДАНД

Раис _________________________________________________________________

(унвон, ному насаб)

Аъзоён _______________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

**Рисолаи дипломии хатмкунанда иҷро карда шуд:**

Таҳти роҳбарии ______________________________________________________

(унвон, ному насаб)

Ва машварати ________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

## БА КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ МАВОДҲОИ ЗЕРИН ПЕШНИҲОД КАРДА ШУД:

1. Маълумотнома № __ деканати факултети ________ аз «___»___ с. 20_____

Дар муддати таҳсил аз тарафи хатмкунанда ____ имтиҳон ва ____ санҷишҳо

мутобиқ ба нақшаи таълимӣ супорида шудааст.

2. Тавзеҳнома дар _______________ саҳифа

3.Нақшаҳо дар __________________ варақа

4.Хулосаи роҳбар _____________________________________________________

5.Тақризнавис _______________________________________________________

Баъд аз баёни мундариҷаи рисолаи дипломӣ ба хатмкунанда саволҳои зерин дода шуд:

1.__________________________________________________

(ному насаби шахси саволдиҳанда ва мазмуни савол )

__________________________________________________

2. __________________________________________________

__________________________________________________

__________________________________________________

3.__________________________________________________

__________________________________________________

## ҚАРОРИ КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ

1. Ҳисобида шавад, ки хатмкунанда________________________________ рисолаи дипломиро бо баҳои ____________ ҳимоя намуд.

2. Ба ________________________________________________

(ному насаби хатмкунанда)

Квалификатсияи ________________________________________

аз рӯи ихтисоси ________________________________________

__________________________________________ дода шавад.

Дипломи ____________________________________________

(муқаррарӣ, аъло)

Қайд карда шуд, ки ______________________________________

__________________________________________________

__________________________________________________

Раиси КАХ ____________________ ____________

(ному насаб) (имзо)

Аъзои КАХ ____________________ ____________

(ному насаб) (имзо)

____________________ __________________

____________________ __________________

____________________ __________________

____________________ __________________

____________________ __________________

____________________ __________________

____________________ __________________

Котиб ____________________________________________

(ному насаб)